92 ۱۱ اکتبر ۱۹۸۵ (19)

# ҚАЛБЕ КИ АЗ ИШҚУ ИЛҲОМ ЛАБРЕЗ АСТ

Муддатест, ки хонандагони тоҷик дилбохтаи ашъори зебову хушоҳанги шоираи нозукбаён Бадеъ Жола буда, ӯро чун сарояндаи эҳсосоти инсон дӯст доштаанд.

Ҳангоми мутолиаи ашъори Жола кас ба хубӣ ҳис мекунад, ки ӯ сар то по як шоираи дилбохтаест. Ӯ ошиқи мусиқии хомӯшнашавандаи ҳаёт, ошиқи озодию фирӯзӣ, ошиқи анвори хуршеди тобон ва гулҳои шукуфони фасли баҳорон, ошиқи дарьёҳои пуртуғьён ва чашмаҳои кӯҳсорон, ошиқи субҳидам ва нағмасароии мурғони чаман, ошиқи ҳар он чизе ки зебост, ошиқи имрӯзи ҳаёти хушбахтона ва фардои боз ҳам дурахшонтар аст.

Ин шоираи соҳиби завқи баланд айёми наврасӣ ва ҷавониашро дар сарзамини худ—Эрон гузаронидааст.

Жола соли 1922 дар шаҳри Исфаҳон ба дуньё омада, дар ин ҷо низ ба таълиму тарбия пардохтааст.

Жола ҳанӯз дар овони ҷавонӣ бо назм сару кор дошт. Ӯ бо шеъру мақолаҳои гуногун баромад мекард ва онҳо дар рӯзномаҳои гуногуни демократии Эрон чоп мешуданд.

Соли 1944 нахӯстин маҷмӯаи ашъори Жола таҳти унвони «Гулҳои худрӯй» ба табъ мерасад ва аз ояндаи дурахшони шоира ба дилбохтагони шеър мужда мерасонад.

Соли 1945 Жола ба пойтахти Эрон — шаҳри Теҳрон омада, дар ташкилоти демократии занон фаъолона ширкат мекунад. Ба сабаби афкори озодихоҳонааш ва таваҷҷӯҳ доштанаш ба халқи мазлум ҳукумати Эрон ӯро таъқиб менамояд ва Жола маҷбур мешавад, ки ба Озарбойҷони советӣ фирор кунад. Дар ин ҷо Жола университети давлатиро тамом мекунад ва дар аспирантураи Университети давлатии Москва ба таҳсили худ идома медиҳад. Ҳоло шоира Жола дар Институти адабиёти ҷаҳонии ба номи Горький, шаҳри Москва саргарми корҳои илмӣ ва адабӣ мебошад.

Роҳи дар ҳаёт тайкардаи Жола дар шеъри ӯ «Ёдгор» чунин инъикос ёфтааст.

Субҳи дурахшони ҷавонии ман
Байни сиёҳии ситамҳо дамид,
Тарки ватан кардаму дар
шӯравӣ
Чашми дилам дид фурӯғи умед
Шеъри ман аз ин ду бувад
ёдгор
Зиндагии кӯҳна, ҳаёти ҷадид.

Соли 1956 Нашриёти давлатии Тоҷикистон намунаи шеърҳои ин шоираи боистеъдодро дар шакли китобчае бо номи «Модарон сулҳ мехоҳанд» ба хонандагони тоҷик пешкаш карда буд. Қариб аксари шеърҳои Жола ба муборизаи халқи Эрон дар роҳи озодӣ, истиқлоли миллӣ, майлу кӯшиш ва орзую ҳаваси бечорагони мамлакат бахшида шудааст. Жола дар бисьёр шеърҳояш мувофиқи истеъдоди худ кӯшиш намудааст, ки то ҳадди имкон аҳволи тоқатшиканй халқи Эронро



дар пеши назари хонанда ҷилвагар намуда, шуури революционии халқро нишон диҳад.

Жола чанде аз шеърҳои худро ба муборизаи модарон барои сулҳу амният бахшидааст. Шоира таъкид мекунад, ки модарон ҷабҳаи пойдори сулҳ ҳастанд ва намегузоранд, ки ҳеҷ гоҳ душмани бачакуш ба ҷанг оянд. Худи шоира ҳамчун модар муборизи ҳаёти саодатмандонаи кӯдакон аст ва овози худро дар қатори модарони ҷаҳон бар зидди ҷанг ва барои сулҳи пойдор баланд мекунад. Шеъри «Модарон сулҳ мехоҳанд»-и ӯ садои дили шоираро хеле аъло ифода сохтааст.

Чун ман ҳама модарони гетӣ
Доранд зи ҷанг нафрату нанг,
Эй нафрати модарони дуньё
Бар ҳар, ки фурӯзад оташи
ҷанг!

Жола баҳори зебо ва дилрабои кишвари тоҷиконро низ бо муҳаббат сароидааст. Ӯ бо чашми худ аз манзараҳои водии Вахш лаззатьёб гардида, сайри лимӯзорони ин водӣ кардааст. Ӯ дар шеъри худ «Ба ёди водии Вахш» лимӯпарварони тоҷикро ситоиш кардааст. Жола сарояндаи бомаҳорати ишқи бузурги инсон аст. Шеърҳои ишқии ӯ хеле рӯҳбахш ва дилписанданд. Ишқ дар назари шоира хеле муқаддас ва чун гавҳари ноёбест. Беҳтар ва хуштар аз ҳама худи шоира дар ин бора бо хонандагонаш чунин ҳарф мезанад:

Аз ҳарчӣ ҳаст хуштару
зеботар,
Ман дидаам нигоҳи ҷу
оташро,
Ман дидаам муҳаббати инсонро
Ҳис кардаам нишоти
навозишро...

Жола аз ҳар як комьёбӣ ва музаффариятҳои ба даст овардаи халқи мо шоду мамнун аст. Ӯ махсусан аз мӯъҷизаҳои илму техникаи советӣ беҳад сарфароз аст ва дар ашъораш инро тараннум менамояд.

Жола ба парвози бемислу монанди кайҳоннавардони советӣ шеъри олиҷанобе таҳти унвони «Ғаввоси дарьёи сипеҳр» ҳадья кардааст. Ин корнамоии кайҳоннавардон шоистаи достонҳои диловарии қаҳрамонист ва куҷост он Фирдавсии достонсаро, ки дар олами шарқ худои назм эълон шудааст, ин рустамҳои нави осмониро бо табъи баланди худ мадҳу сано гӯяд:

Фирдавсии достонсаро кӯ?
То боз гӯяд достони қаҳрамонӣ.
Рӯи замин буд қаҳрамони
қаҳрамонҳо
Имрӯз рустамҳои нав дар
осмонҳо Қаҳрамонанд
Бар сафҳаи таърихи дуньё
ҷовидонанд.

Жола дар ашъори худ муборизаи озодихоҳонаи халқҳои ҷаҳонро бар зидди истеъморгарони палид бо фахр сароидааст. Шоира бо шодмонии бузург хотирнишон менамояд, ки ҳаёти бадномшудаи дуньёи сармоядорӣ ҳангоми ба поён расидан аст.

Имрӯз шиору савганди мардуми озодихоҳ «Ватан ё марг» аст ва ҳеҷ қуввае нест, ки садди ин роҳи бошараф шавад.

Магар ба чашм набинӣ ҷаҳон
шуда бедор?
Шикаст қалъаи афсонавори
истеъмор.
«Ватан ё марг!»
Барои мардуми дуньё суруду
савганд аст
Набарди ҳаққу адолат, набарди
фирӯз аст.

Асри мо даврони нашъунамои ҳаёти инсон, даврони пора карданй занҷири зулму истибдод, аз кишварҳои худ дур андохтани мустамликадорон, барҳам додани бенавоию қашшоқӣ ва бесаводӣ, даврони ба сари ҳокимият омадани халқҳост.

Асри Ленини пешво — асри
бузурги мост,
Даврони растухези раҳоии
халқҳост.

Шеърҳои Жола аз истеъдоди баланд ва қалби пур аз ҳарорату ишқу илҳоми ӯ ба хубӣ шаҳодат медиҳанд. Ҳоло эҷодиёти Жола дар камоли гул-гулшукуфтан аст.

Инак, дуто шеъри тозаи шоира Жола.

**Р. ҚУДРАТОВ.**

## М А Н Д И Д А А М

Ман дидаам шукуфтани ...